Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи "Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод шудааст.

Дар замони муосир, иқтисодиёти шабакавӣ яке аз самтҳои асоси иқтисодӣ ва фаъолияти босуръат буда, имкониятҳои соҳибкории шабакавиро нишон медиҳад. Зеро соҳибкории шабакавӣ сохтори ба таври систематикӣ ташкилшудаи доираи муносибатҳо дар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва интернет мебошад, ки маълумот оид ба роҳҳои истеҳсоли мол, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯи технологияи нав ва гардиши молу хизматҳоро таҷассум мекунад.

Рисолаи мазкур ба масъалаи мубрам бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия навгонии илмии таҳқиқотро чун рушди назарияи соҳибкорӣ дар мисоли соҳибкории шабакавӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои истифода дар муҳити соҳибкории миллӣ овардааст (с.5).

Дар автореферати диссертатсия муқаддима, сабабҳо ва зарурати таҳқиқот ва аҳамияти он, масъала, мақсад, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, навгонии илмӣ муайян гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот ифода ёфта, маълумот оид ба тасвиб ва интишорот аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот фароҳам омадаанд (с.8).

Эшбоев Ҷ.А., дуруст қайд менамояд, ки истилоҳи "иқтисоди шабакавӣ" нисбатан нав аст ва аксар вақт на ҳама онро якранг қабул мекунанд. Аз ин рӯ, иқтисодиёти шабакавӣ, ки баъзан ҳамчун "иқтисоди иттилоотӣ", "иқтисоди иттилоотӣ-шабакавӣ", "иқтисоди зеҳнӣ-инноватсионӣ", "иқтисоди шабакавии мустақим" дар иштибоҳ қарор мегирад, қабул карда мешавад ва таърифи муаллифиро пешниҳод намудааст (с.10).

Таҳқиқи таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди иқтисодиёти шабакавӣ нишон дод, ки самаранокии он ва қобилияти шабака дар кишварҳо гуногун мебошад. Ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ аз таҷрибаи кофӣ ва муҳити институтсионалии кишвари муайян вобаста мебошад. Рушди соҳибкорӣ аз принсипҳои институтсионалӣ ва муҳити мувофиқ асос меёбад, ки сатҳи рушди принсипи инноватсионии

иқтисодиёти миллиро нишон дода, шарти асосии ҷалби он ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад.

Қайд шудааст, ки заминаи моддии фаъолияти соҳибкории шабакавиро 860 корхонаи саноатии вилояти Суғд ташкил медиҳанд.

Онҳо дар тамоми қаламрави вилояти Суғд ҷойгиранд. Аз ҷумла, дар маркази вилоят шаҳри Хуҷанд, шаҳрҳои нисбатан тараққикардаи саноатии Бустон, Гулистон, Истиқлол, Истаравшан. Инчунин, корхонаҳои саноатии ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Панҷакент, Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров низ ҷойгиранд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар автореферати диссертатсияи мазкур камбудӣ низ ҷой дорад. Агар рақамикунонии соҳибкории шабакавиро васеътар асоснок мекард, диссертатсия боз ҳам ҷолибтар мегардид.

Вале ин эрод ба дараҷаи илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад.

Хулоса диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи "Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)" ба талаботи пешбининамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии
Донишкадаи кӯҳию металлургии
Тоҷикистон Облоқулов В. М.

Имзои н.и.и., дотсент В. М. Облоқулов –ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи кӯҳию металлургии
Тоҷикистон Мӯминова Д.М.

*Суроға:* *735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон,вилояти Суғд, шаҳри Бӯстон, к. А. Баротов 106,*
*e-mail: vohid.o@mail.ru, +992(92)731-92-95*